ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Миралиева Сарварбӣ Толибовна дар мавзуи «Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (вачҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Баъди баҳравар шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз истиқлолияти сиёсӣ дар баробари дигар самтҳои ҳаёти мардуми тоҷик адабиёти бадеӣ низ ба марҳалаи сифатан нави рушду инкишоф ворид гардид. Дар ин даврон як зумра қаламкашоне ба майдони адабиёт қадам гузоштанд, ки моҳият ва арзиши истиқлолияти сиёсиро ба хубӣ дарк мекарданд ва қудрату тавони баёни ормонҳои миллиро доштанд. Ҳамин аст, ки беҳтарин ва муассиртарин шеърҳои иҷтимоӣ маҳз дар ҳамин давра гуфта шуданд ва мавзуи ватан ва ҳувияти миллӣ ба мавзуи меҳварии шеъри тоҷикӣ мубаддал гардид. Дар ин давра адабиёти бадеӣ ҳамчун аслиҳаи сиёсӣ мавқеи худро аз даст дода бошад ҳам, вазифаи иҷтимоии худро, ки тасвири воқеъбинонаи зиндагӣ, тарғиби худшиносӣ, васфи ахлоқи ҳамида ва ҳидоят ба бунёдкориву созандагист, боз ҳам мустаҳкамтар кард.

Диссертатсияи мавриди назар ба таҳқиқи лирикаи иҷтимоии яке аз шоирони хушқариҳа ва соҳибноми даврони Истиқлолият устод Рустам Ваҳҳобзода бахшида шудааст. Рустам Ваҳҳобзода аз шоирони номовари тоҷик аст, ки дар ҳар як шеъри ӯ омехта бо тафаннуни адабӣ ва тарзи баёни дилнишину муассир истиқлолияти комили фикрӣ ва андешаи солиму созандаи эҷодкор рӯнамо мегардад. Шеъри Рустам Ваҳҳобзода бо зиндагии мардум пайванди ногусастанӣ дошта, қисмати аз ҳама арзандаи эҷодкардаҳои ӯро лирикаи иҷтимоӣ ташкил медиҳад.

Бо вуҷуди он ки адабиётшиносони муосир дар таҳқиқу баррасии баъзе ҷузъиёти эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода кӯшиш ба харҷ дода бошанд ҳам, омӯзиши ҳамаҷониба ва таҳқиқи воқеъбинонаи лирикаи иҷтимоии ин шоир то ба ҳол яке аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносии имрӯзи тоҷик ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, ба таҳлилу таҳқиқи илмӣ фаро гирифтани лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода аз ҷониби Миралиева Сарварбӣ иқдоми хубу саривақтӣ ва шоистаи дастгирӣ мебошад. Бо боварӣ метавон гуфт, ки таҳқиқи ҷанбаи иҷтимоии шеъри Рустам Ваҳҳобзода бо фаро гирифтани вижагиҳои мавзуӣ ва ғоявӣ, жанрӣ ва сохтори ҳунарии шеъри ӯ бори аввал дар шакли рисолаи илмӣ аз ҷониби Миралиева Сарварбӣ сурат гирифтааст.

Навгонии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсияи мавриди назар нахустин таҳқиқоти пурра ва густардаи илмӣ оид ба ҷанбаи иҷтимоии шеъри Рустам Ваҳҳобзода мебошад.

Аҳамияти назарии диссертатсия дар он аст, ки дастовардҳои илмии онро метавон дар навиштани дигар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мақола ва пажӯҳишҳои фаровон оид ба хусусиятҳои жанриву мазмунии шеъри имрӯзи тоҷик истифода бурд.

Дар баробари ин, шоёни омӯзиш будани натиҷаҳои таҳқиқоти мавриди назар дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ва инчунин барои алоқамандони шеъру адаб ва пажӯҳишгарони риштаи адабиётшиносӣ аҳамияти амалии онро собит менамояд.

Диссертатсия мувофиқи талаботи тартиб додани рисолаи илмӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва китобнома иборат мебошад. Дар муқаддимаи кор аҳамияти назариву амалӣ, ҳадафи таҳқиқи мавзуъ, сарчашмаҳо, навгониҳо, вазифаҳои таҳқиқ, равиши таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар бандҳои барои анҷоми таҳқиқоти илмӣ зарур баён гардидаанд.

Омӯзишу баррасӣ ва баҳогузории дақиқу воқеӣ ба ашъори иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода, бо дарназардошти хусусиятҳои ғоявию мундариҷавии шеърҳои ӯ, меҳвари асосии рисоларо ташкил медиҳад. Барои расидан ба ҳадафи аслии таҳқиқот анвои гуногуни шеъри шоир – ҳам шеърҳои дар жанрҳои суннатӣ гуфташуда ва ҳам ашъори дар вазну қаволиби нав эҷоднамудаи Рустам Ваҳҳобзода мавриди таҳқиқ ва баррасии диссертант қарор гирифтаанд.

Боби аввали диссертатсия, ки «**Ҳаёт ва эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода**» унвон дошта, аз се фасл иборат аст, ба таҳқиқу баррасии зиндагинома ва фаъолияти эҷодии шоир бахшида шудааст.

Дар фасли аввали ин боб диссертант бо такя ба маълумоти сарчашмаҳои гуногун ва ёддоштҳои шифоҳии шоир зиндагиномаи мухтасари ӯро рӯйи коғаз овардааст.

Фасли дуюми боби якум ба таҳқиқу баррасии фаъолияти эҷодии Рустам Ваҳҳобзода бахшида шуда, марҳалаҳои гуногуни фаъолияти шоирии эҷодкорро дар бар мегирад. Диссертант дар ин қисмати кори худ роҳнавардии шоирро дар ҷодаи пурпечу хами шоирӣ, сар карда аз оғози ба машқи каломи мавзун пардохтан то ба камолоти шоирӣ расидан, муайян намудааст. Инчунин дар ҳамин қисмати кор диссертант маҷмуаҳои банашррасонидаи шоирро мухтасар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Фасли сеюми боби якум **«Вачҳаи шоирии Рустам Ваҳҳобзода»** ном дошта, вобаста ба се навъи шеъри шоир: манзума, шеъри нав ва ашъори

суннатӣ аз се зерфасл иборат аст. Дар ин боб вижагии фаъолияти эҷодӣ ва услубу равиши хосаи шоирии Рустам Ваҳҳобзода таҳқиқ гардида, муваффақияту комёбиҳои ӯ дар гуфтани анвои гуногуни шеър баррасӣ шудаанд. Муаллифи диссертатсия бо такя ба афкори муҳаққиқони дигари шеъри шоир дуруст қайд менамояд, ки комёбии Рустам Ваҳҳобзода дар олами эҷод дар баробари истеъдоди худодод ва савқи табиӣ ба дониши фарогир ва рӯҳи хастагинопазири ӯ сахт алоқаманд аст. Ҳамин аст, ки ӯ дар гуфтани дилхоҳ навъи шеърӣ тавонманд буда, огоҳии комил аз суннати шоирии суханпардозони пешин ва тарзу равиши гӯяндагони шеъри нав ӯро ҳам дар гуфтани ашъори суннатӣ ва ҳам шаклу анвои ҷадиди шеъри форсӣ-тоҷикӣ забардаст гардонидааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Мавқеи Рустам Ваҳҳобзода дар лирикаи иҷтимоии муосир»** номгузорӣ шуда, аз се фасл иборат аст. Дар фасли аввали ин боб, ки **«Андешаҳои адабию эстетикӣ дар лирикаи Рустам Ваҳҳобзода»** унвон дорад, бархе аз андешаву афкори адабӣ-зебошинохтии шоир ва назари инфиродии ӯ ба шеъру шоирӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар ҳақиқат, устод Рустам аз ҷумлаи шоирони донишманди муосир буда, афкору андешаҳои адабӣ-зебошинохтии ӯ аз аҳамияти вижае барҳӯрдоранд ва барои ошноии бештари муҳаққиқини соҳаи адабиёт бо каломи бадеъ мусоидат менамоянд. Ба ҳамин хотир, таҳлилу баррасии ин андешаҳои ӯ аз ҷониби диссертант иқдоми шоиста ва арзандаи таҳсину тақдир аст.

Фасли дуюми боби дуюм - **«Масъалаҳои асосии лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода»** аз чор зерфасл иборат аст. Дар ин зерфаслҳо масъалаҳои асосии лирикаи иҷтимоии шоир: ватан ва ватандорӣ, ҳофизаи таърихӣ, ҳувият ва худшиносӣ, васфи арзишҳои муқаддаси миллӣ таҳқиқу баррасӣ гардидаанд. Диссертант дуруст қайд намудааст, ки “Масъалаи ватан ва ватандорӣ дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода паҳнои васеъ дошта, аз оғози ба шоирӣ пардохтани ӯ то кунун зина ба зина идома дошта, аз шеъре ба шеъре уфуқҳои тоза касб мекунад” (диссертатсия, саҳ.104). Муаллифи диссертатсия дар радифи таҳқиқи мавзуи ватандорӣ дар шеъри шоир инчунин масоили ба он марбут, аз қабили фаромӯш накардани ҳофизаи таърихӣ, арҷ гузоштан ба ҳувият ва худшиносии миллӣ, муқаддас доштани арзишҳои миллиро дар ашъори гуногуннавъи Рустам Ваҳҳобзода пайгирӣ намудааст.

Дар фасли охири ин боб диссертант ба таҳқиқи лирикаи медитативӣ-тасвирии шоир пардохта, ба он ашъори ғиноии Рустам Ваҳҳобзода дахл кардааст, ки дар онҳо андеша ва тасвир ба ҳам омадаанд. Дуруст қайд гардидааст, ки шоир дар ин гуна ашъори ғиноии худ зимни тасвири

манзараҳои гуногуни табиат андешаҳои созанда ва муҳимми иҷтимоӣ, аз қабили муносибати оқилона бо сарвату арзишҳои табиӣ, тоза нигоҳ доштани муҳити атроф ва дигар масоили экологиро ба миён гузоштааст. Дар ҳамин бахш инчунин назари Рустам Ваҳҳобзода ба мақому мартабаи инсони комилу худогоҳ дар ҷамъият таҳқиқу баррасӣ гардидааст.

Боби сеюми диссертатсияи Миралиева С. «**Хусусиятҳои ғоявию бадеии лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода»** номгузорӣ шуда, аз ду фасл иборат аст. Фасли якуми ин боб ба махсусиятҳои ғоявии лирикаи иҷтимоии шоир бахшида шудааст. Дар ин бахши кор диссертант дуруст қайд менамояд, ки дар саросари осори Рустам Ваҳҳобзода ғояҳои олие, амсоли ваҳдат, истиқлолияти миллӣ ва ватандӯстию меҳанпарастӣ, ифтихори миллӣ ва бузургдошти инсони комилу худогоҳ бозгӯ мешаванд ва гӯяндаи ин навъ ашъорро ҳамчун шоире ватандӯсту халқпарвар муаррифӣ менамоянд.

Дар фасли дувуми боби сеюм диссертант ба таҳқиқи ҳунари шоирии Рустам Ваҳҳобзода пардохта, ба таври мухтасар муҳимтарин ороятҳои адабии лирикаи иҷтимоии шоирро, аз қабили ташбеҳу талмеҳ, ташхис, тазмин, сифатчинӣ, лаффу нашр, тааҷҷуб, таҷоҳули ориф таҳқиқу баррасӣ намудааст.

Дар бахши “Хулоса” диссертант андешаҳои худро пас аз таҳлилу таҳқиқи густардаи масъалаҳои дарпешгузошташуда ҷамъбаст намуда, онро дар бандҳои ҷудогона бо натиҷагириҳои дурусту мантиқӣ пешкаш намудааст.

Аз рӯйхати адабиёти истифодашуда маълум мегардад, ки муаллиф барои таҳқиқ ва баҳогузории дурусту воқеӣ ба масъалаҳои матраҳшаванда аз 168 адабиёти илмию адабӣ истифода намудааст, ки баёнгари таҳқиқи густардаи мавзуъ мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда тибқи талаботи ҷорӣ мураттаб гардидааст.

Рисола бо забони шевову равони тоҷикӣ ва сабки хуби илмӣ навишта шуда, ҷамъбасту хулосаҳои баровардашуда эътимоднок мебошанд. Инчунин тавсияҳои диссертант оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия дурусту саҳеҳанд.

Дар баробари дастовардҳо дар рисола якчанд норасоиҳои ҷузъии ислоҳталаб ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати кори илмиро меафзояд:

1. Диссертант дар охири ҳар як фаслу зерфасли диссертатсия андешаҳои худро вобаста ба масъалаҳои баррасишаванда хулоса ва ҷамъбаст намудааст, вале хулосаи умумии бобҳо назаррас нест. Барои мисол, боби аввали диссертатсия, ки “**Мавқеи Рустам Ваҳҳобзода дар лирикаи иҷтимоии муосир”** унвон дорад, аз се фасл ва шаш зерфасл иборат буда, дар охири ҳар яке аз ин фаслу зерфаслҳо хулоса ва натиҷагириҳои муаллиф аз масоили

мавриди назар мушоҳида мешавад, вале диссертант оид ба матолиби боби мазкур хулосаи умумӣ набаровардааст.

2. Диссертант дар боби дуюми кори худ зимни таснифоти жанрии осори шоир ба тафсилоти зиёдатӣ роҳ додааст. Барои мисол, ӯ ҳангоми таҳлилу баррасии ҳар як жанри истифодакардаи шоир бештар ба тавсифи умумии ин жанрҳо пардохта, фикрҳои маъмулу маъруферо, ки ҳоҷат ба такрору бозгӯй надоранд, пайи ҳам меорад. Хуб мебуд, ки диссертант ба ҷойи ин афкори бозгӯшуда фикри худро дар мавриди шаклу мазмуни лирикаи иҷтимоии шоир муфассалтар баён менамуд.

3. Дар диссертатсия баробари ҷумлаҳои услубан солиму саҳеҳ теъдоди ками ҷумлаҳое низ ҳастанд, ки вайрон будани сохтори грамматикии онҳо ба вайронии услуб сабаб гардидааст. Барои мисол, диссертант яке аз шеърҳои шоирро ба ин тартиб таҳлилу баррасӣ намудааст: “Чун қуллаи кӯҳ меравам, то паҳнои кишварамро бубинам, меравам бар фарози ин кӯҳ, ки шояд аз он ҷо Ораш ё тири Орашро бубинам, ҳамон тире, ки аз қуллаи кӯҳ барои васеъ кардани марзҳои кишвари мо андохта шуда буд, яъне аз ин бузургтар шавад” (диссертатсия, саҳ. 58).

4. Дар баъзе ҷумлаҳои диссертатсия истифодаи ноҷои пайвандаки “ки” мантиқи ҷумлаҳоро халалдор кардааст:

“Шоир ана ҳамин шабро шаби нуру суруру зиё ва беҳтар аз ҳазорон моҳ номидааст, **ки** муроҷиаткунон ба фалак мегӯяд, **ки** ту бо Зуҳалу Зуҳраву Хуршед маноз, **ки** ту имшаб аз они моӣ” (диссертатсия, саҳ. 68).

5. Дар мураттаб намудани рӯйхати адабиёт низ диссертант ба баъзе камбудҳо роҳ додааст. Аз ҷумла истифодаи якхелаи аломатҳои китобат на дар ҳама номгӯи адабиёт риоя шудааст. Инчунин гоҳо тартиби алифбоӣ низ риоя нагардидааст (№№ 88,143,149,151,152,164).

6. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ғалатҳои имлоиву китобат ба назар мерасанд (саҳ. 54,73,75,82,85,90,93,101,107,113...).

Дар умум, нукоти зикршуда арзиши илмии таҳқиқи анҷомёфтаро кам накарда, ислоҳшаванда мебошанд ва рисола таҳқиқоти илмии арзишманд дар илми адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад. Муаллифи диссертатсия аз уҳдаи ҳалли муваффақонаи ҳадафҳои гузошташуда ба хубӣ баромадааст.

Диссертатсияи Миралиева Сарварбӣ Толибовна бо ихтисоси илмии интиҳобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Хулоса, диссертатсияи Миралиева Сарварбӣ Толибовна дар мавзуи «Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)» кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Миралиева Сарварбӣ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёкати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Миралиева Сарварбӣ Толибовна дар мавзуи «Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи адабиёти тоҷики
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Ахмадов Сафармад
«20» августи соли 2022. Гадомадович

Суроғa: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи С.Раҳимов, 7/26
Тел.:(моб.) (+992) 988-15-75-81
E-mail: ahmadovsafar74@mail.ru

Имзои С.Г. Аҳмадовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.
«20» августи соли 2022.

Суроғa: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: (+992 3222) 2-45-20, 2-22-53
E-mail: ktsu78@mail.ru.